Ҳар кӣ барои ман миёни риш ва бурут (яъне даҳонашро) ва миёни ду пой (яъне шармгоҳашро) кафолат диҳад (ки ба он ду муртакиби гуноҳ намешавад), ман барояш биҳиштро кафолат медиҳам

Аз Саҳл ибни Саъд (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуданд: "Ҳар кӣ барои ман миёни риш ва бурут (яъне даҳонашро) ва миёни ду пой (яъне шармгоҳашро) кафолат диҳад (ки ба он ду муртакиби гуноҳ намешавад), ман барояш биҳиштро кафолат медиҳам".
[Саҳеҳ] [رواه البخاري]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар мавриди ду чиз хабар додааст, ки агар мусалмон ба он пойбанд бошад, вориди биҳишт мешавад. Якум: ҳифзи забон аз сухане ки боиси хашму ғазаби Аллоҳ мешавад. Дуввум: ҳифзи шармгоҳ аз воқеъ шудан дар фаҳшо (зино). Зеро инсон бо ин ду узв бештар муртакиби гуноҳ мешавад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3475